# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба диссертатсияи Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович аз арабшиносони тоҷик ба шумор меравад. Ӯ рисолаи номзадиашро соли 1987 дар мавзуи «Таҳаввули лирикаи ошиқонаи арабӣ (асрҳои VI-VII)» дар Институти шарқшиносии АФ СССР, дар шаҳри Москва дифоъ намудааст. Аз замони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ҳамчун мутахассиси арабшинос ба корҳои давлатӣ ҷалб гардида, то соли 2014 дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои масъул ифои вазифа намуда, дар рушди босуръати мамлакат саҳми хешро гузоштааст. Аз соли 2015 ба ҳайси дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Юлдошев Абдулло соли 2017 дар Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Огоҳӣ аз таърихи адабиёти тоҷик ва таҷрибаҳои андӯхтаи Юлдошев Абдулло дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш, ки аз пеш таваҷҷуҳи зиёд доштани ӯро ба масъалаҳои таъсири мутақобилаи Арабу Аҷам нишон медод, ба фароҳам овардани маводди таҳқиқ ва таълифи рисолаи докторӣ кумак намуд. Чунонки аз мутолиаи рисолаи доктории ӯ бармеояд, интиқоли образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ, ки сабаби таҳаввулпазирии сюжа дар марҳалаҳои минбаъда гаштааст, асосан, ба василаи таълифи ҳамосаи миллии тоҷикон – «Шоҳнома» имконпазир гаштааст. Дар ин шоҳкории адабиёти Ҳаким Фирдавсӣ тамоми аносири адабиро ҷой дода, бузургию шукӯҳ ва асолати миллии мардуми ориёитаборро ба намоиш гузоштааст.

Аз ин рӯ, рӯй овардан ба тамаддуни мардуми ориёитабор ва дар оинаи таърих ҷилва додани шуҳрату шукуҳи қавми ориёӣ, аз масъалаҳоест, ки дар шинохти фарҳангу асолати миллии мо – ба тоҷикон аз муҳимтарин унсурҳо ба шумор меравад. Гузашта аз ин, яке аз вижагиҳои интиқоли адабу фарҳанги ниёкон, муҳташам сохтани образҳои шоҳону паҳлавонон дар сужаофаринӣ ба шумор меравад. Пажуҳиши адабиёти пешазисломии мо, махсусан, давраи ҳукмронии сулолаи Сосониён, ки бо рушди ҳамаҷонибаи илму фарҳанг саҳифаҳои таърихро зиннат бахшадааст, дар муайян намудани роҳҳои таҳаввулпазирии сужа дар адабиёти минбаъда муҳим мебошад. Диссертатсияи

Юлдошев Абдулло ба таҳқиқи образи шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар сужаофарии адабиёти форсу тоҷик ихтисос ёфта, арзиши илмӣ ва муҳимтарин навгонияш аз он иборат аст, ки ӯ тамоми образҳои шоҳону паҳлавонони Сосониро на аз рӯйи қиссаву ривоят, балки аз рӯйи манобеи адабию таърихӣ ва дар асоси сарчашмаҳои воқеияти таърихидошта муайян намудааст.

Юлдошев Абдулло дар бахши мубрамии мавзуи таҳқиқ, ҳамзамон ҳадафи худро аз таълифи рисола ба таври возеҳ нишон додааст. Дар ин кор вобаста ба сарчашмаҳои илмию адабӣ истифодаи образи шоҳону паҳлавононро дар сужаҳои минбаъда нишон дода, ба таври возеҳ қиссаву ривоятҳои ҷойдоштаро аз воқеияти таърихӣ ташхис додааст, ки аҳаммияти илмии кори ӯро боло бурдааст. Муҳаққиқ таҳаввулпазирии сужаро дар се давраи муайяни подшоҳии Сосониён фаро гирифта, ҳар як давраро вобаста ба муносибат ва бархурди шоҳону паҳлавонон ва чигунагии тасвири онҳо дар «Шоҳнома» ва дигар маълумоти сарчашмаҳо ба қалам додааст.

Дар боби якуми диссертатсия шоҳаншоҳии Сосониён аз подшоҳии Ардашери Бобакон то ниҳояти подшоҳии Шопури II оварда шуда, ғояи барқарор кардани шоҳаншоҳии Сосониён муқаррар гардидааст. Дар боби мазкур, вобаста ба рӯзгори подшоҳон, дар асоси «Шоҳнома» ва дар муқоиса бо сарчашмаҳои дигар, чанде аз мавзуъҳои таърих ва фарҳанги халқҳои эронӣ мавриди таҳлили адабӣ қарор гирифтаст. Сужа ва образҳои подшоҳон дар марҳалаи дувум ба давраи ҳукумати Хусрави Қубодон – Анӯшервон рост меояд ва аз таърихи таҳаввули ҳамосаи миллӣ ва осори хаттӣ маълум мегардад, ки аксари адибон дар офаридани сужаи асарҳои хеш аз ин образ зиёд истифода бурдаанд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, подшоҳии Хусрави Қубодон, ки минбаъд дар офаридани образҳо сабаби ба вуҷуд омадани сужаҳои фаровон гаштааст, ба давраи ривоҷи илму фарҳанг рост меояд. Аз ин рӯ, Анӯшервон шахсиятест, ки метавон гуфт, дар зербинои тамаддуни мардуми ориёитабор қарор дорад, ки таҳлилу баррасиҳои илмӣ низ маҳз атрофи ин маъала сурат гирифтааст, то чеҳраи аслии Хусрави Қубодон дар он намоён гардад. Дар марҳалаи сеюм сужаҳо аз подшоҳии Ҳурмузи IV то Яздигурди III, ки ба давраи инқирози давлати Сосониён рост меояд, таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Ҳамаи масъалаҳои зикршуда пайдарҳам, муназзам ва мантиқан ба ҳам алоқаманд ба миён гузошта шудаанд.

Диссертатсияи А.Қ. Юлдошев пажӯҳиши илмии мустақилона буда, мазмуну мундариҷаи рисола, адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пурра мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳо, интишороти илмии муаллиф, ки дар шакли мақолаҳо ва монографияи илмӣ омода гардида, дар маҷаллаҳои илмии

тақризшаванадаи тавсиянамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешавад. Оид ба муҳтавои диссертатсия 1 монография, 2 воситаи таълимӣ, 21 мақоли илмӣ, аз он ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 5 мақола дар дигар нашрияҳо чоп карда шудааст.

Дар умум, ҳаҷми корҳои дар доираи диссертатсияи докторӣ анҷомдодаи Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович, дараҷаи омодагии ӯ ба сифати адабиётшиноси касбӣ, коркардҳои назарӣ, таҳқиқ ва таъйини масъалаҳои марбут ба таҳаввули сужа, интиқоли образи шоҳону паҳлавонон дар сужасозӣ, иштирок ва суханрониҳо дар нишастҳои илмии сатҳҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, таълифи мақолаҳои зиёд ва дараҷаи омодагии касбии муҳаққиқ ҳамчун адабиётшинос ба мо имкон медиҳад таъйид кунем, ки ӯ барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ арзанда аст.

**Мушвири илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, академики АМИТ** Имомзода М.С.
**«02» феврали соли 2024.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, хонаи 5.
Телефон: (+992) 93-580-64-44
E-mail: ramzes22_84@mail.ru

**Имзои М.С. Имомзодаро**
**тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«02» феврали соли 2024.